# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи мазкур ба баррасии яке аз мавзӯҳои муҳими афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ бахшида шуда, ба таҳлили ҳамаҷонибаи ақидаҳои давлатӣ ва ҳуқуқии яке аз мутафаккирони бузурги форсу тоҷик Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ равона гардидааст. Унвонҷӯ зимни таҳияи тадқиқоти диссертатсионӣ бо риояи усули таҳлили амиқ ва услуби хос мавзӯро баррасӣ намуда, рисоларо дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ омода намудааст.

Дар ҷараёни таҳқиқот, муаллиф ба пешниҳоди як силсила тавсияҳо ва хулосаҳои илмӣ такя намуда, онҳоро дар заминаи таҳлили ҳуқуқӣ, сиёсӣ, ва фарҳангӣ бо истинод ба таҷрибаи таҳқиқи таърихию назариявӣ ва воқеияти амалии кишвар таҳия намудааст. Хосияти хоси таҳқиқоти диссертатсиониро истифодаи васеи манбаъҳои илмии таърихӣ, фалсафӣ ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва сиёсии муҳаққиқони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳад, ки заминаи назариявии боэътимодро барои таҳқиқ фароҳам овардааст.

Илова бар ин, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии дастовардҳо ва манбаҳои таърихии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва сиёсати идоракунӣ барои ба роҳ мондан ва густариш бахшидани муносибатҳои ҳуқуқию давлатӣ ниҳоят манфиатовар буда, барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ низ дар замони кунунии пурталотуми рушди таҳдидҳои дохилию хориҷӣ зарур шуморида мешаванд.

Таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзӯи мазкур ба унвонҷӯ имкон додааст, ки дар заминаи омӯзиш ва муқоисаи низомҳои ҳуқуқии таърихии халқи тоҷик, дастовардҳои илмҳои таъриху фалсафа ва сиёсату ҳуқуқ хулосаҳои муътамад ва тавсияҳои амалии муфид пешниҳод намояд, ки дорои аҳаммияти назаррас

барои рушди муносибатҳои ҳуқуқӣ ва самараноктар намудани муносибатҳои идоракунӣ дар бахшҳои гуногуни ҳаёти воқеии Тоҷикистони муосир буда метавонанд.

Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф соли 2016 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда онро соли 2019 хатм намудааст.

Аз соли 2017 то ин ҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва ҳуқуқи Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ кору фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф аз муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, руйхати адабиётҳои истифодашуда ва феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иборат мебошад.

Дар муқаддимаи кори диссертатсионӣ мубрамии мавзуи мазкур асоснок карда шуда, дараҷаҳои омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзӯи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби якуми таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки «Шароити таърихии ташаккул ва инкишофи ақидаҳои давлатӣ ва ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ» ном дорад, дарбаргирандаи таҳлили мукаммали таърихии Замони зиндагӣ ва рӯзгори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва баррасии ҳаёт ва фаъолияти эҷодии мутафаккир мебошад. Дар доираи ин боб, муаллиф шароити мушкили таърихии замони ҳаёт ва фаъолияти мутафаккирро таҳқиқ намуда, шароити рӯзгор ва эҷодиёт, сатҳи рушди илму дониш ва фарҳангро дар минтақа баррасӣ кардааст. Дар асоси омӯзиши маводи зиёди таърихию фалсафӣ, ҳуқуқию динӣ ва урфу одати маҳал ва минтақаи ҳаёт ва фаъолияти мутафаккир муҳаққиқ равияҳои гуногуни илмӣ ва фалсафиро баррасӣ намудааст. Ӯ кӯшиш намудааст, то махсусияти мактаби илмӣ ва эҷодӣ, хусусият ва сатҳи пайравию алоқамандии ақидаҳои давлатию ҳуқуқии Алии Ҳамадониро бо дигар мутафаккирони дигари форсу тоҷик ошкор намояд.

Таваҷҷуҳи махсус ба омӯзиши ақидаҳои давлатии мутафаккир оид ба

шакли давлат, шакли сохти давлатӣ, идоракунии одилонаи давлат ва иҷро намудани функсияҳои самараноки идоракунии соҳаҳои алоҳидаи давлатӣ, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои дигари иҷтимоӣ, хосатан танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ, ки асоси осудагӣ, устуворӣ ва рушди босуботи ҷомеаро ташкил менамояд, дода шудааст.

Дар боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ба таҳқиқи «Ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба мафҳум ва асосҳои давлатддорӣ» бахшида шудааст, фарогири масъалаҳои марбут ба мафҳуми давлат ва ҳокимият, вазъи ҳуқуқии подшоҳон, вазирон ва амалдорон, вазъи ҳуқуқии раият дар таълимоти мутафаккир мебошад.

Дар доираи таҳқиқи осори мутафаккир ҷабҳаҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ, механизмҳо ва роҳҳои ташаккулёбии он, табиат ва намудҳои ҳокимияти сиёсӣ баррасӣ шудаанд. Ҷанбаи мусбат ва манфии ақидаҳои мутафаккир баррасӣ гардида, андешаҳои ӯ оид ба зарурияти мавҷудияти ҳокимият барои ҷамъият ва инсон, сифатҳои подшоҳ ва ҳокимону амалдорон, заминаҳо ва асосҳои мусоиди фаъолияти муътадили ҳокимияту давлат, ва м.и. баррасӣ гардидаанд. Қайд мегардад, ки ба андешаи мутафаккир қонун ва ахлоқ ҳамчун заминаи асосии муваффақияти султон ва амалдорони давлатиро ташкил меамоянд. Вай пешниҳод менамояд, ки масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқиву сиёсӣ бояд дар доираи се илм - фиқҳ, ахлоқ ва сиёсат баррасӣ ва амалӣ гарданд. Бинобар ин, ӯ шахсияти султонро муаррифӣ намуда, ӯро аввалан ҳамчун донанда ва амаликунандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ мебинад ва даъват ба сиёсати ахлоқомез менамояд.

Таълимоти давлатӣ-хуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар асоси сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, таърихӣ, динӣ ва адабӣ бунёд ёфтаанд. Ӯ ҳама гуна қарори оқилона, ҳалли мушкилоти ҳуқуқиро бо ёрии муқаррароти адабиёти илмӣ ва таълифоти мутафаккирони гузашта ва давр асоснок карда, баррасӣ ва ҳал намудааст. Мутафаккир дар асарҳои худ муқаррароти заминавии ҳуқуқи раиятро баён карда, проблемаҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти давлатро шарҳ додааст, ки онҳо пурра бо проблемаҳои муосири назарияи давлат ва

ҳуқуқ, ҳуқуқи давлатӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи оилавию мерос мувофиқат менамоянд. Низоми ҳуқуқии раият, ки аз ҷониби ин мутафаккири бузурги Шарқ коркард ва пешниҳод шудааст ниҳоят ҷолиб мебошад.

Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ «Таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ» ном дошта, масъалаҳои шарҳи мухтасари таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, мафҳум, таносуб ва нақши арзишҳои ҳуқуқиву ахлоқӣ дар таълимоти мутафаккир ва ақидаҳои Алии Ҳамадониро оид ба вазъи ҳуқуқии аъзоёни оила дар бар мегирад.

Дар доираи боби мазкур муҳаққиқ сарчашмаи асосии таълимоти ҳуқуқии Алии Ҳамадонӣ, нигоҳ ва ақидаҳои ӯро доир ба соҳаҳои ҳуқуқи давлатию идоракунӣ, ҳуқуқи оилавӣ ва меросӣ, ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи андозу молиявӣ, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар пайвастагӣ бо меъёрҳои ахлоқӣ, одатӣ ва динӣ, таълимоти мутафаккир оид ба вазъи ҳуқуқии аъзоёни ҷомеа ва ё раъият баррасӣ гардидаанд.

Муҳаққиқ қайд мекунад, ки осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ саршор аз масъалаҳои дорои хусусияти ҳуқуқию давлатӣ мебошанд, ки он зери таъсири таълимот ва низоми ҳуқуқии даврони атиқаи Юнону Рум ва илмҳои ҳуқуқии низомҳо ва таълимотҳои миллии ҳуқуқии ҳудуди Мовароуннаҳру Хуросон ва фиқҳи исломӣ, ба монанди ҳуқуқи даврони Сосониёну Аббосиён ташаккул ёфтааст. Он дар шакли ягонасозии се илм: ҳуқуқ, сиёсат ва ахлоқ баён гашта, паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ-ҳуқуқиро фаро гирифтааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашгардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли

2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, барои муҳокима ва ҳимояи минбаъдаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешнҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи**
**давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Азиззода У.А.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, (+992) 9078112885
Почтаи электронӣ: ubaydullo_azizov@inbox.ru

**Имзои У.А. Азиззодаро**
**тасдиқ мекунам:**

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Э.Ш. Тавқиев
«19» мая соли 2025

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj